Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-071-и назди Донишгохи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (734003, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 121)

**Тақризи**

**Муқаррризи расмӣ – Сайдаҳмадзода Дилором – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба диссертатсияи Табаров Дилшод Давлатхуҷаевич, дар мавзуи: «Ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мавриди ташкили озмоиши хонагӣ аз фанни табиатшиносӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, мутобиқи ихтисоси 13.00.02 – назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.01- назария ва методикаи таълими фанҳои табиӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) (биология)).**

Дар солҳои соҳибистиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми маорифи мамлакат таъғиротҳои назаррас ба вуқӯъ омад, ки бевосита тамоми соҳаҳои низоми таҳсилотро, аз ҷумла, фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, бахусус синфҳои ибтидоиро фаро гирифта вазифаю муносибатҳои навро талаб менамояд. Бинобар ин, ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар шароити тағйирёбии низоми маориф бешубҳа, ҷустуҷӯи илмӣ-педагогӣ ва дарёфти шаклҳои нави ин фаъолиятро тақозо менамояд.

Боиси зикр аст, ки вазъи иқтисодӣ - иҷтимоии зудтағйирёбандае, ки охирҳои асри XX ва ибтидои асри XXI ҷаҳонро фаро гирифт, боиси мураккаб гардидани муносибатҳои ҷамъятӣ гардида, ба афсурдаҳолии доимӣ гирифтор гардидани аҳолӣ оварда расонид, ки ин дар шакли зуд мутобиқ гардида натавонистани шахсият ва ё гурӯҳҳои одамон ба ин гуна ҳолатҳои ногаҳонӣ баамалоянда зоҳир мегардад. Табиист, ки дар чунин ҳолат фаъолияти ҷӯяндагӣ-таҳқиқотии шахс фаъол гардида, шахсиятҳои маҳорату малакаҳои муайяни соҳавиро соҳиббуда аз ҳолати ногувор ва мушкилӣ баромада метавонанд. Ин фаъолиятҳо танҳо дар сурати

доштани салоҳиятҳои таҳқиқотӣ самаранок гардида, ниёзҳои инсонро қонеъкунанда мегардонанд, ки зарурати доштани ин гуна салоҳиятҳо дар тавсияномаи "салоҳиятҳои калидӣ барои мардуми Аврупо" низ дарҷ гардидааст.

Диссертант, мубрамияти мавзуи мавриди тахкиқ қарордодаашро бо он асоснок мегардонад, ки ташаккулёбии маҳорату малакаҳои таҳқиқотӣ, ки заминаи асосии салоҳиятҳои тахқиқотӣ ба шумор меравад аз синфҳои ибтидоӣ оғоз меёбанд. Зеро, дар ин давра рушди зеҳнии кудак бошиддат гузашта, намудҳои фаъолият тез-тез иваз шуда, шахсияти он босуръат ташаккул меёбад. Бинобар ин бо мақсади нарму мусоид гардонидани масири инкишофи шахсияти дорои салоҳиятҳои таҳқиқотӣ, дар синфҳои ибтидоӣ, ба фаъолиятҳои таълимӣ- тарбиявӣ ҳамгиро намудани фаъолиятҳои мустақилонаи таълимӣ-тарбиявии мустақилонаи озмоишӣ зарур мебошад.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ:** Диссертатсия дар мавзуи «Ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мавриди ташкили озмоиши хонагӣ аз фанни табиатшиносӣ» бо шиносномаи ихтисос ва муҳтавои он ба тартиби муқарраршудаи таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.01 – Назария ва методикаи таълими фанҳои табиӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) (биология)) мутобиқат менамояд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот иборат аст, ки** дар асоси таҳлилу баррасии сарчашмаҳои педагогию психологӣ мазмун ва мундариҷаи озмоиши хонагӣ аз фанни табиатшиносии синфҳои ибтидоӣ аниқ ва имкониятҳои он дар зинаи ибтидоии таҳсилот, ки боиси ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагони хурдсол мегардад, муайян гардиданд. Муҳаққиқ имкон ёфтааст, ки роҳу усулҳои самараноки ташкили озмоишҳои хонагии хонандагони хурдсолро, ки дар хона мустақилона гузаронида шуда боиси баландшавии сифати таълим мегарданд, ошкор намояд. Самаранокии методии ташкили озмоишҳои хонагиро, ки ба шавқманд гардонидани хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба

фанҳои табиатшиносӣ нигаронида шудаанд, амалан санҷида ба исбот расонидаст.

**Саҳми шахсии унвонҷӯй.** Диссертатсия натиҷаи таҳқиқоти илмии мустақилона ва эҷодкоронаи муаллиф буда, мавзуъ, ҳадаф ва усулҳои таҳқиқот муайян гардидааст. Дар таҳқиқоти мазкур раванди татбиқи муносибати босалоҳият ба раванди таълим, ки ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотӣ дар зинаи ибтидоии таҳсилот яке аз ҷузъҳои сохтории он мебошад бори аввал дар таҷрибаи педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

**Аҳамияти назариявии** таҳқиқоти мазкур дар он зохир мегардад, ки масъалаи ба фаъолиятҳои озмоишӣ амалӣ ҷалб намудани хонандагони хурдсол дар таърихи педагогика ва методикаи таълим нав набуда, яке аз мавзуъҳои асосии баҳси методикаи таълими табиатшиносӣ дар ҳама давру замонҳо ба шумор меравад. Муҳаққиқ бар асари таҳлили адабиётҳои илмӣ-методии педагогию психологӣ ва фалсафӣ ин фикрро асоснок намуда ба хулосае омадааст, ки айни замон низ масъала мубрам боқӣ монда, паҳлӯҳои зиёди нокушодае дорад. Ва дар заминаи хулосаҳояш мавзуъ ва методологияи таҳқиқотиашро интихоб намудааст.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** аз он бармеояд, ки раванди ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандаи хурдсол тавассути ташкили маҷмуи методҳои гуногуни амалӣ, махсусан озмоишҳо дар хона ба омӯзгор имконият медиҳад, ки дараҷаи маълумотгирии хонандаро ташхис ва коркард намуда, масири рушди бонизоми кӯдакро таҳия ва амалӣ намояд. Муҳақиқ тавонистааст, ки системаи воситаҳои ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагони хурдсолро дар шароити корҳои беруназдарсӣ ва махсусан, озмоишҳои хонагӣ муайян намуда, амсилаи фаъолиятҳои беруназдарсӣ ва мустақилонаи хонагии онҳоро дар самти ба нақшагирии барномаҳои корҳои беруназдарсӣ ва озмоишҳои хонагӣ нишон диҳад. Натиҷаҳои ба даст омадаро метавонанд омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, омӯзгорони муасиссаҳои таҳсилоти иловагӣ бо таври васеъ истифода намоянд.

**Саҳеҳияти натиҷаҳои таҳқиқотро** дурустии натиҷаҳои ниҳоии методологии исботшудаи назарияи пешниҳодшуда асоснок ва тасдиқ

менамояд.Гуногунрангии методҳои ташхисии истифодашуда, истифодаи системаи методҳои мувофиқи таҳқиқотӣ, баҳогузории самаранокии раванди ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотӣ, муқоисаи натиҷаҳои озмоишҳо дар гурӯҳҳои санҷишӣ ва озмоишӣ, таҷдиди натиҷаҳо, самаранокии ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагони хурдсолро дар шароити озмоишҳои хонагии хонандагони хурдсолро исбот менамоянд. Мазмуни асосии диссертатсия дар 19 мақола, ки аз он ҷумла 10 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА - и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия чоп гардидаанд инъикос карда мешавад.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Рисолаи диссертатсионӣ аз мундариҷа, ду боб, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, дар маҷмуъ 219 саҳифаро ташкил медиҳад.

**Муқаддимаи** рисола бо таври умумӣ тавсиф ва мубрамияти мавзуи фаъолияти таҳқиқотро асоснок намуда, ҳадаф, объект, предмет, фарзия ва вазифаҳои таҳқиқот муқаррар, навгониҳо, аҳамияти назариявӣ ва амалии он ва муқаррароти асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд, нишон дода шудааст. Умуман, дастгоҳи илмии рисола ба талаботи таҳияи рисолаҳои таҳқиқотӣ ҷавобгӯй буда, ҷузъиёти он давоми мантиқии якдигар ба шумор меравад.

Боби якуми рисола **«Асосҳои назариявӣ-методологии ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди гузаронидани озмоишҳои хонагӣ аз фанни табиатшиносӣ»** аз ду зербоб иборат, буда, дар зербоби якум асосҳои психологӣ-педагогии мафҳумҳои «салоҳият», «салоҳиятнокӣ», «салоҳиятҳои таҳқиқотӣ» ва ташаккулёбии онҳо дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ» мавриди омӯзиши амиқ ва таҳлили таърихӣ муқоисавӣ қарор дода шудааст. Дар он ақидаҳои умумӣ ва мавқеи олимони соҳаи педагогика ва психология оид ба ташаккулёбии маҳорату малака ва дар маҷмуъ салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагони хурдсол мавриди гузаронидани чорабиниҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабии мустақилона, махсусан гузаронидани озмоишҳо ба риштаи таҳлил кашида шудааст. Мафҳумҳои асосӣ шарҳ ёфта,

қонуниятҳо ва шароити асосӣ, ҳамчунин заминаҳои ташаккулёбии салоҳиятҳо муайян гардидааст.

Дар натиҷаи таҳлили адабиётҳои психологӣ-педагогӣ муаллиф нишон доданд, ки проблемаи ташаккулёбии салоҳиятҳои озмоишӣ-таҳқиқотӣ, омилҳо, шароит ва инкишофи он, дар педагогика нав набуда таърихи тӯлонӣ дошта бошад, ҳам омӯзиш ва баррасии он зарур ва айнизамонӣ мебошад. Он хусусияти иҷтимоӣ дошта, мавзуи омӯзиш ва таҳқиқи олимони зиёди соҳаи педагогика ва психология қарор гирифта шудааст (С. Акрамов, П.П. Блонский, Д.Б. Богоявленская, Л.И.Божович, В.П. Вахтеров, В.В. Давидов, П.Ф. Каптерев, А.В. Леонтович, А.Н. Леонтев, И.Я. Лернер, М.И. Лисина, М.И. Махмутов, А.С. Обухов, А.Н. Поддъяков, А.И. Савенков, М.Н. Скаткин, А. Маслоу, Торндайк).

Муҳаққиқ ба хулосае омадааст, ки ташаккулёбии маҳорату малака ва салоҳиятҳои тақиқотиро мақсаднокона, аз синни хурди мактабӣ сар кардан лозим мебошад. Ин ақидаашро бо қонуниятҳои психологии синнусолии кӯдакон асоснок намуда зикр намудааст, ки дар ин давра ба фазои зеҳнӣ - фардии шахсияти кӯдак таъсир расонидан осонтар ва самарбахш мебошад. Албатта дуруст аст, ки дар ин давра, дар хонандаи хурдсол нисбати ашёҳо ва ҳодисаҳои омӯхташаванда шавқ ва кунҷкобии зиёд пайдо гардида, ниёзҳои маърифатиашон ба азхудкунии дониш, маҳорат ва малакаҳои нав меафзояд.

Зарурияти аз якдигар фарқ кардани мафҳумҳои «рафтори таҳқиқотӣ», «фаъолияти тақиқотӣ», «маҳорати тақиқотӣ», «малакаи тақиқотӣ» ва «салоҳияти таҳқиқотӣ»-ро дуруст дарк намуда, мафҳумҳои мазкурро дар алоқамандӣ бо ҳамдигар мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додааст. Муҳаққиқ имкон ёфтааст муайян созад, ки дар асоси рафтори тақиқотӣ ниёзҳои зарурӣ ба ахборот ва таассурот ва донишҳои нав, ки самараи фаъолиятҳо мебошанд, меистанд.

Дар натиҷаи таҳлили адабиётҳои психологӣ-педагогӣ, муҳаққиқ имкон ёфтааст, ки омилҳои ангезандаи рафтори таҳқиқотиро дар навигарии объекти таҳқиқот, мураккабии мавзуъ, номуайянӣ, ғайримуқаррарӣ, ғайриоддӣ будани объэкти таҳқиқот ва ихтилофоти

ахборот (якдгарро инкор намудан ва ё ихтилоф доштани ҷузъҳои ахбор) ошкор созад.

Ҳамин тавр рафтори таҳқиқотӣ чун рафтори бо фаъолиятҳои ҷӯяндагӣ асонок кардашуда ва ба омӯзиши объект ва ҳодисаҳои номуайян, навигариҳо, инкишоф ва зиддиятҳо равонакардашуда муайян карда шуд. Ҷолибияти тахқиқоти мазкур дар он зоҳир мегардад, ки дар он яке аз шаклҳои фаъолияти тақиқотӣ – фаъолиятии таълимӣ-таҳқиқотӣ, ки махсус чун фаъолияти эҷодии кӯдак ташкил мегардад ва ба азхудкунии донишҳои субъективии нав нигаронида мешавад ва бештар характери илмӣ пайдо менамояд дида баромада шудааст.

Дар рисола «маҳорати таҳқиқотӣ» шарҳи пурраи худро ёфтааст.

Дар зербоби дуюм шароити ташаккулёбӣ ва инкишофи салоҳиятҳои таҳқиқотӣ, сохтори фаъолиятҳои таълимӣ-таҳқиқотии мустақилона, ташкил ва гузаронидани озмоиш ва мушоҳидаҳо дар хона таҳлил ва баррасӣ гардида, аҳамияти калони озмоишҳои мустақилонаи хонагии хонандагони хурдсол муайян ва асоснок гардонида шудаанд.

Муҳаққиқ дуруст қайд намудааст, ки дар ҷодаи тавсиф ва шарҳи моҳияту аҳамияти фаъолиятҳои таҳқиқотии хонандагон, роҳу воситаҳои ҳосилшавии маҳорату малакаҳои таҳқиқотӣ дар кӯдакон корҳои зиёде ба анҷом расида бошанд ҳам, вале асосҳои назариявӣ ва коркарди методологии ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагон дар сатҳи зарурӣ баррасӣ нагардидааст.

Бинобар он, ки озмоишҳои хонагӣ берун аз синф ва муассисаи таълимӣ дар хона иҷро мешаванд, муаллиф кӯшиш намудааст, ки мафҳуми «фаъолиятҳои беруназсинфӣ»-ро бозомӯзӣ намуда онро ҳамчун фаъолияти мустақилона, вале ҳамгирои кӯдак ва омӯзгор, ки дар рафти он кӯдак имконияти интихоби самт ва мавзуи фаъолият ва тарзҳои нави амал намуданро пайдо мекунад тавсиф намояд. Ҳамзамон принсип ва вазифаҳои фаъолиятҳои таҳқиқотии беруназсинфӣ дар шакли озмоишҳои хонагиро таҳия намуда, вазифаҳои онро барои ҳар як зинаи инкишофи хонандагони синфҳои ибтидоӣ муайян созад.

Боби дуюми диссертатсия **«Хусусиятҳои методии ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотӣ-озмоишии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар**

**раванди гузаронидани озмоишҳои хонагӣ аз фанни табиатшиносӣ»**,ном дошта, аз ду зербоб иборат аст. Дар зербоби аввал, «Методикаи ташаккулдиҳии салоҳиятҳои таҳқиқотӣ-озмоишии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар рафти гузаронидани озмоишҳо дар хона аз фанни табиатшиносӣ», роҳҳои ташкили фаъолиятҳои мустақилонаи таълимии хонагиро дар шакли озмоиш ва мушоҳидаҳоро амсиласозӣ намуда, дараҷаҳои ташаккулёбии салоҳиятҳоро дар самтҳои зерин ташкили-амалӣ, ҷустуҷӯӣ, ахборотӣ, ва рефлексивӣ муайян ва коркард намудааст.

Муайян карда шудааст, ки корҳои мустақилонаи озмоишии хонандаи хурдсол дар ташаккул додани шавқмандии маърифатии онҳо нисбати олами иҳотанамудаашон нақши бузург бозида, ба инкишофи тафаккур, қобилияти эҷодӣ ва ташаккули маҳорату малакаҳо оварда мерасонад.

Ѓузаронидани озмоиш ва мушоҳидаҳоро дар хона муаллиф, пурракунанда ва тақвиятбахшандаи олие барои ҳама намуди фаъолиятҳои назариявӣ ва амалии таълимии синфӣ тавсиф намудааст.

Дар баъзе ҳолатҳо муҳаққиқ самаранокии шаклҳои таълимии амалии мустақилонаи хонагии хонандагони хурдсолро нисбати дарсҳои маъмулӣ баландтар меҳисобад, ки ин ақида албатта барои хонандагони синфҳои якум ва дуюм мувофиқат менамояд.

Албатта дуруст қайд намудааст, ки дар ҷараёни озмоиши намоишии дар синфхона гузаронидашаванда вақт дар тӯли як соати шартии дарсӣ маҳдуд буда, фаъолияти асосиро омӯзгор ва ё як – ду хонанда саросемавор иҷро менамоянд, ки ин имкон намедиҳад то дар хонандагон донишҳои чуқур ва тасаввуротҳои зарурӣ ба пуррагӣ ҳосил гардад. Ва ин ақида муаллифро ба хулосае овардааст, ки қариб ҳамаи хонандагони хурдсол барои гузаронидани фаъолиятҳои озмоишӣ шавқманд мебошанд.

Шавқмандии онҳоро аз рӯи меъёрҳои зеррин арзёбӣ намудааст:

- ҳосилшавии шавқмандии кӯдак ба фаъолияти таҳқиқотӣ;
- ҳосилшавии маҳоратҳои таҳқиқотӣ ва тайёр гардидан ба истифода намудани онҳо;
- нишон додани ташаббус ва истифодаи роҳҳои гуногуни ғайримаъмулии ҳалли проблемаи гузошташуда;

- нишон додани мустақилият дар фаъолиятҳои ҷӯяндагӣ ва таҳқиқотӣ-ҷӯяндагӣ.

Зербоби дуюм «Озмоиши хонагӣ аз фанни табиатшиносӣ ҳамчун воситаи шавқмандгардонии хонандаи хурдсол ба фанҳои табиӣ ва дар озмоиши педагогӣ санҷидани самаранокии он», пурра ба таҳлил, таркиб, муқоиса, ҷамъбаст ва хулосабароии натиҷаҳои озмоиши педагогӣ бахшида шудааст.

Дар марҳалаи аввали таҳқиқоти муҳаққиқ мақсад гузоштааст, ки шавқу ҳаваси хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти нави маърифатӣ – таҳқиқот бедор карда шавад. Барои ноил шудан ба ин ҳадаф, аз экскурсия, ташкили коллексия ва гузаронидани бозиҳои махсус истифода бурда то андозае ноил ҳам гаштааст. Дар марҳилаи дуюм шароити махсусеро барои ба даст овардани малакаҳои асосии дорои хусусияти таҳқиқотии хонандагони хурдсол (ҷустуҷӯӣ, ташкилӣ-амалӣ, иттилоотӣ ва рефлексивӣ) таҳия намудааст. Дар ин марҳила диққати асосиро ба гузаронидани корҳои таҳқиқотии дорои хусусияти бозӣ равона карда ва усули лоиҳаҳо истифода бурдааст. Дар марҳилаи сеюм, самаранокии амсилаи раванди ташаккули салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар шароити иҷрои вазифаҳои озмоишии хонагӣ дар озмоиши педагогӣ санҷиа шудааст.

Натиҷаҳои ташхиси ибтидоиии таҳқиқотӣ нишон додаанд, ки дар гурӯҳҳои санҷишӣ ва озмоишӣ сатҳи ташаккули маҳорату малакаҳои таҳқиқотӣ бисёр паст мебошанд.

Аммо натиҷаҳои таҳлили ниҳоии таҳқиқот муҳаққиқро ба ин хулоса овардааст, ки сатҳи рушди салоҳияти таҳқиқотӣ дар гурӯҳҳои таҷрибавӣ мутаносибан аз 21% то 60% афзоиш ёфта, ин нишондод дар гурӯҳҳои санҷишӣ бошад, аз 22% то 26% -ро ташкил додааст.

Ҳамин тавр, муаққиқ ба хулосае омадааст, ки татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим, дар шароити ба мушкилоти ҷиддӣ дучор гардидани низоми таҳсилоти муосир ва тезутунд гардидани муносибатҳои ҷамъиятӣ яке аз роҳҳои асосии раҳои аз ҳолати бӯҳронӣ буда, аз мутахассисони соҳаи таҳсилот муносибати ҷиддиро нисбати фаъолияти педагогиашон талаб менамояд. Танҳои муносибати масъулона

ба таълиму тарбия боиси ташаккули шахсиятҳои салоҳиятманд мегардад. Салоҳиятҳои таҳқиқотӣ бошанд аз ҷумлаи салоҳиятҳои калидӣ ба шумор мераванд .

Қайд кардан бамаврид аст, ки диссертатсия аз ҷиҳати мазмуну муҳтаво, масъалагузорӣ, таҳлил ва бардошти хулосаҳо, бо такя ба пажуҳишоти фароҳамовардааш дуруст хулосабарорӣ гардида ба хотири дарки амиқи моҳияти масъала аз диаграмма ва ҷадвалҳои шарҳдиҳанда истифода карда шудааст.

**Дар диссертатсия баробари муваффақиятҳо баъзе норасоиҳо низ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо боиси боз ҳам баланд шудани сатҳу сифати кор хоҳад буд:**

1.Унвонҷӯ ҳангоми таҳқиқот ба коркард ва амалисозии имкониятҳои ташкили фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии мустақилонаи хонандагони хурдсол дар хона диққат додааст, аммо хуб мешуд ин имкониятҳо дар шакли дастури мушаххасе дастраси муаллимони синфҳои ибтидоӣ ва волидайн мегардид.

2. Масъалаҳо ва мафҳумҳои дар рисола истифода гардида ба монанди рафтори таҳқиқотӣ, эҳсосот, кунҷкобӣ, шуур, идрок, фаъолият, тафаккур ва ғайраҳо бештар характери равонӣ доранд. Хуб мебуд, ки онҳо дар рисола дар шакли боби алоҳидае ҳамчун масъалаҳои психологии педагогикаи синфҳои ибтидоӣ баррасӣ мегардиданд.

3. Дар рисола баъзе истилоҳоте, ки баромадашон лотинӣ ва ё аврупоӣ мебошад, (ба монандӣ проблемма, интелектуалӣ ва ғ.) дар шакли асл истифода гардидаанд. Тарҷумаи тоҷикии онро ёфта истифода бурдан асолат ва қиммати илмии рисоларо хеле баланд мебардорад.

4. Дар диссертатсия ва автореферат баъзе хатогиҳои имлоиву услубӣ ба назар расида баъзе талаботҳои имлои нави забони тоҷикӣ риоя нагардидааст.

Эродҳои овардашуда ҷузъӣ буда, арзиши асосии назариявию амалии диссертатсияро коҳиш намедиҳад.

Хулоса, рисолаи мазкур кори илмӣ-таҳқиқотии пурра ба анҷомрасида мебошад, ки аз тарафи диссертант иҷро гардидааст. Дар он

фикрҳо мантиқан идома ва тақвиятбахшандаи якдигар ба шумор рафта сохтори диссертатсия ба талаботҳои методологии таҳқиқоти илмӣ ва таҳияи рисолаҳои таҳқиқоти педагогӣ ҷавобгӯй аст.

Ҳамин тавр, диссертатсияи илмии Табаров Дилшод Давлатхуҷаевич, дар мавзуи: «Ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мавриди ташкили озмоиши хонагӣ аз фанни табиатшиносӣ», ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, мутобиқи ихтисоси 13.00.02 – назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.01- назария ва методикаи таълими фанҳои табиӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) (биология)) пешниҳод намудааст, кори илмӣ-таҳқиқотии анҷомёфта ҳисобида шуда, масъалаи мубрами рӯзро таҷассум менамояд. Диссертатсия дорои аҳамияти илмӣ-амалӣ буда, ба талаботи бандҳои 31-35-и Низомномаи КОА-и Ҷумҳурии Тоҷикистон оид тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, мутобиқи ихтисоси 13.00.02 – назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.01- назария ва методикаи таълими фанҳои табиӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) (биология)) арзанда мебошад.

Дотсенти кафедраи психология ва
сотсиологияи идоракунии Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои педагогӣ, Сайдаҳмадзода Д.

Имзои Сайдаҳмадзода Д.– ро тасдиқ
мекунам: Сардори раёсати кадрҳо,
коргузорӣ ва корҳои махсуси
Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии
Тоҷикистон Ҳамидов Ш.Б.

13.11.2023